# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Эраҷи Шерали дар мавзуи «Синтез ва таҳқиқи хосиятҳои гидрогелҳои кислотаи акрилат ва акриламид бо баъзе металлҳои интиқолӣ» аз рӯйи ихтисоси 1.4.7. Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ пешниҳод гардидааст.

Бартарии гидрогелҳои дорои ионҳои комплексии металлҳои интиқолӣ дар он аст, ки танзим намудани варамкунии онҳо имконият дорад. Хосияти варамкунии гидрогелҳо дар навбати худ таъминкунандаи гузаронандагии баланд барои реагентҳо ва фаъолнокии каталитикии онҳо аз ҳисоби тағйирёбии таркиби марказҳои координатсионии катализ ба ҳисоб меравад. Матрисаи полимерии ҳаракаткунандаи полиакриламидиро ҳамчун аналоги сафеда меҳисобанд, вале сафеда ҳамчун пайвастаҳои комплексӣ метавонад вазифаи марказҳои фаъоли металлоферментҳоро иҷро намояд.

Ғайр аз ин, катализаторҳои полимерии варамкунанда «навъи катализаторҳои пастҳароратии сорбентҳо» мебошад, ки метавонанд барои аз пайвастаҳои сулфурдор ($H_2S$, меркаптопайвастҳо ва ғайра)-и ионҳои металлҳои вазнин тозакунии обҳои нушокӣ ва инчунин ҳамчун иловаҳо ба хок ҷиҳати танзим намудани мубодилаи обӣ ва ионӣ, ки зоҳиркунандаи таъсири тамдидӣ мебошанд, истифода бурда шаванд.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он ифода меёбад: муайян карда шудааст, ки таркиби комплексҳои ионҳои металлҳои интиқолӣ дар маҳлулҳои обӣ, дар доираи васеи pH бо акриламид муқаррар карда шудааст. Фаъолияти каталитикӣ дар раванди оксидшавии сулфиди натрий бо кислотаи акрилат ва акриламид омӯхта шуда, усулҳои синтези катализаторҳои металл-полимер коркард карда шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо**: маълумоти бадастомада бо усулҳои замонавии физикӣ-химиявии таҳқиқот, таъмин ва асоснок карда шуданд. Барои сифатан ва миқдоран муайян намудани таркиби массаи реаксионӣ аз усулҳои зерини таҳлил истифода гардид: таҳлилҳои элементӣ, рентгенофазавӣ, спектрҳои СИ, термогравиметрӣ, кондуктометрӣ ва потенсиометрӣ, ЯМР-спектрометрия (дар асбоби «Bruker AM-500» бо басомади кории 500 ва 125 МГс) гузаронида шудааст.

Аз автореферат бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, автореферати кори диссертатсионии Эраҷи Шерали дар мавзуи «Синтез ва таҳқиқи хосиятҳои гидрогелҳои кислотаи акрилат ва акриламид бо баъзе металлҳои интиқолӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.7. Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ пешниҳод шудааст, кори илмии дар зинаи муайян баитмом расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он бе шак, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.7. Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ мебошад.


**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи
техника ва энергетикаи гармои ДТТ
ба номи. М. Осимӣ Сафаров Маҳмадалӣ Маҳмадиевич

Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи Н. Қарабоев 3\1,
хонаи 24
Тел.: (+992) 931631585,
E-mail: mahmad1@list.ru


Имзои Сафаров Маҳмадалӣ Маҳмадиевичро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДТТ
ба номи. М. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

“ 01 ” 07 соли 2026